# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 - Ботаника пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ буда, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми геоботаника бахшида шудааст.

Дар солҳои охир зери таъсири омилҳои антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим ҳолати экосистемаҳои табиӣ, махсусан ҷамоаҳои дарахту буттагии минтақаҳои кӯҳии кишвар тағйир ёфта истодааст. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои фитосенологӣ, таркиби намудӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор барои ҳифзи гуногунии биологӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Диссертант дар асоси таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлилҳои илмӣ гуногунии намудии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисорро муайян намуда, хусусиятҳои фитосенологии ҷамоаҳои асосии дарахту буттагиро таҳлил кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқот таркиби систематикӣ, шаклҳои ҳаётӣ, хусусиятҳои экологӣ ва ареалогии намудҳои дарахту буттаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар кори илмӣ қайд гардидааст, ки дар таркиби набототи минтақа 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсия муайян гардида, нақши намудҳои ҷамоаофар дар ташаккули типҳои набототи минтақа нишон дода шудааст. Ҳамзамон, монандии дендрофлораи минтақа бо қаторкӯҳҳои Дарвоз ва Қаротегин таҳлил гардидааст.

Муаллиф ҳолати экологии дарахту буттаҳоро дар типҳои асосии набатот ва экосистемаҳои минтақа баррасӣ намуда, таъсири омилҳои табиӣ

ва антропогениро ба устуворӣ ва нигоҳдории ҷамоаҳои растанӣ муайян кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки оид ба ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи устувори захираҳои дендрофлораи минтақа таҳия карда шаванд. Маълумоти бадастомадаи унвонҷӯ барои таҳияи харитаҳои геоботаникӣ ва экологӣ, инчунин ҳангоми ба нақшагирии хоҷагиҳо ва рушди корхонаҳо дар заминаи экологӣ истифода мешаванд.

Дар автореферат, инчунин, якчанд хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳо сифати автореферагро паст наменамоянд.

Кори илмии пешниҳоднамудаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «*Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор*» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои биологӣ (аз рӯйи ихтисоси
03.02.01 - Ботаника), профессори кафедраи
Ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев **Мамадризохонов А.А.**

Имзои Мамадризохонов А.А.-ро
тасдиқ менамоям: СРКК ва КМ ДДХ
ба номи М. Назаршоев **Саидраҳмонов Н.С.**

Суроға: 736000. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шотемур 109.
Тел +992 91 948 75-91.
E-mail: akbar63@mail.ru
«26» 06 соли 2026